*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи*
*Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru*

**ТАҚРИЗ**

*Ба автореферати диссертатсияи Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз*

Мавзуи таҳқиқоти Султон Бахтиёр мубрам буда, дар он масъалаҳои маъмурикунонии андозбандии соҳибкории хурду миёна дар кишвар мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар шароити кунунӣ ташаккули инфрасохтори истеҳсолию хизматрасонӣ шароити муҳими васеъ гардидани заминаи андозбандӣ ва устувор гардидани молияи давлатӣ буда, соҳибкорӣ дар ин самт муҳаррики асосӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, муносибатҳои андозӣ дар ин самт ҳамчун фишанги иодаркунӣ барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмини устувории молиявӣ баромад мекунад.

Унвонҷӯ, дар рафти таҳқиқот барои тақвияти муносибати иқтисодию молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва таъсири маъмурикунонии андозбандии онҳо низоми ташаккули моделҳои андозбандӣ ва таъсири он ба рушди соҳибкории хурду миёна ва механизмҳои ташаккулёбии алоқамандии соҳибкории хурд ва рушди он, такмили вазъи молиявии соҳибкории хурду миёна дар кишвар ва такмили танзими субъектҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна тибқи низомҳои андозбандиро коркард ва пешниҳод намудааст.

Ҳамзамон, дар асоси маълумоти омори расми вазъи дигаргуншавии фаъолияти суюъектҳои соҳибкории хурду миёна ва андозбандии онҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар автореферати диссертатсия, унвонҷӯ, барои муайян намудани таъсири омилҳои таҳлилӣ ба воридоти

андоз, пешниҳодҳои ҳавасмандгардонии андоз ва молиявиро, аз ҷумла имкониятҳои истифодаи васеи имтиёзҳои андозро арзёбӣ карда, назорати электронии воридшавии маблағҳои андозро ба буҷети давлатӣ пешниҳод кардааст.

Дар асоси тақризи автореферат хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи Султон Бахтиёр дар мавзуи «Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти анҷомёфтаи дорои навгониҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
д.и.и., профессор, профессори кафедраи
идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоев О.

**Суроға:** АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир,
33. Тел: (+992) 805-55-55-52.
**E-mail:** **boboev52@mail.ru**

Имзои «Бобоев О.»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси АИД назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.